Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-018
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Асозода Тахмина Авғон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои ҳуқуқи хусусӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ**

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи хусусӣ» пеш аз ҳама аз он сарчашма мегирад, ки дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ, рақамикунонии хизматрасониҳои молиявӣ ва густариши муносибатҳои бонкӣ масъалаи ҳифзи маълумоти махфии мизоҷон ба яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии давлат табдил ёфтааст. Сирри бонкӣ ҳамчун яке аз унсурҳои асосии ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ, дахлнопазирии маълумот ва амнияти иқтисодии шахсону ташкилотҳо эътироф гардида, ҳифзи самараноки он барои таҳкими эътимоди ҷомеа ба низоми бонкӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои вобаста ба сирри бонкӣ бо як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ» ва дигар санадҳои соҳавӣ танзим карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, таҳаввулоти босуръати технологияҳои иттилоотӣ, рушди хизматрасониҳои рақамии бонкӣ, интиқоли электронии маблағҳо ва табодули фаромарзии маълумот зарурати такмили механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкиро ба миён овардааст.

Мубрамияти таҳқиқот инчунин дар он зоҳир мегардад, ки дар амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ масъалаҳои зиёди баҳсталаб ҷой доранд: муайян набудани

ҳудуди мафҳуми сирри бонкӣ, мушкилоти муайян намудани субъектҳои уҳдадор ба нигоҳдории махфият, тартиби пешниҳод намудани маълумоти бонкӣ ба мақомоти давлатӣ, таносуби сирри бонкӣ бо манфиатҳои давлатӣ дар самти мубориза бо терроризм, экстремизм ва қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, инчунин нокифоя будани механизмҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ифшои ғайриқонунии чунин маълумот.

Аз нуқтаи назари ҳуқуқи хусусӣ масъалаи мазкур аҳаммияти махсус дорад, зеро сирри бонкӣ бевосита ба ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ, озодии шартномавӣ, эътимоди байни бонк ва мизоҷ, инчунин устувории муомилоти граждании алоқаманд мебошад. Дар шароити ташаккули иқтисоди рақамӣ ва афзоиши хатари дастрасии ғайриқонунӣ ба маълумоти электронӣ, таъмини тавозуни манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ дар соҳаи ҳифзи сирри бонкӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалии бештар пайдо мекунад.

Ғайр аз ин, таҳқиқоти мазкур барои такмили қонунгузории миллӣ, мутобиқсозии он ба стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами давлатҳои дигар, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илмӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии ҳифзи ҳуқуқии сирри бонкӣ мусоидат менамояд. Ин масъала махсусан дар шароити ҳамгироии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибатҳои байналмилалии молиявӣ ва рушди низоми муосири бонкӣ аҳаммияти стратегӣ дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада маводи консептуалиеро, ки сирри бонкиро ҳамроҳӣ мекунанд, мукаммал мегардонанд, ҷанбаҳои муҳимми коркарди механизмҳои ҳифзи ҳуқуқии сирри бонкӣ ва пешгирии ифшои ғайриқонунии сирри бонкиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро равшан карда, онро аз нав дида мебароянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ, дар маҷмуъ ба ташаккули консепсияи дарки мазмуни илмии категорияи «сирри бонкӣ» мусоидат намуда, заминаи

мавҷудбударо барои рушди қонунгузорӣ, таҷрибаи судӣ ва таҳқиқоти илмии минбаъда пурра менамоянд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки хулосаҳои дар рафти таҳқиқот бадастомада ва пешниҳодҳои амалие, ки дар асоси онҳо оид ба татбиқи фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ, ҳокимияти судӣ ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ таҳия шудаанд, ба тасдиқи равиши аз ҷиҳати илмӣ асоснок ҳангоми таҳияи механизмҳои ҳифзи сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни ҳуқуқи бонкӣ, ҳуқуқи маданӣ, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳқиқи объективӣ, ҳамаҷонибаи назариявӣ ва амалии сирри бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мешавад. Эътимоднокӣ, инчунин, дар натиҷаи таҳлили муфассали категорияҳои илмӣ ва хулосаҳои илмии аз рӯи онҳо қабулшуда зоҳир мегардад. Дурустии хулосаҳои бадастомадаро пешниҳоду тавсияҳои назариявӣ ва амалии дисертант, ки дар раванди таҳлили муқоисавии категорияҳои илмӣ, таҷрибаи судӣ, таҷрибаи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, омӯзиши равандҳои муосир, дурнамо, роҳу усулҳои навсозии масъалаҳои баррасишуда ташаккул ёфтаанд, тасдиқ мекунанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида ва тавсияҳои наҳариявию амалии дар таҳқиқот** пешниҳодгардида асоснок буда, дар натиҷаи омӯзиши адабиёти сершумори ҳуқуқӣ, таҳлили таҷрибаи судӣ ва қонунгузории Тоҷикистону давлатҳои дигар, баҳо додани фикру ақидаҳои олимону мутахасисони соҳа ба даст оварда шулааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: якум, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами

марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни сирри бонкӣ ва хусусиятҳои фарқкунандаи он аз дигар сирри бо қонун ҳимояшаванда пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Автореферати диссертатсия мазмуни диссертатсияро пурра ифода мекунад ва фишурдаи он мебошад.

Ба таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи хусусӣ» дар баробари аҳаммияти назариявию амалӣ ва навгонии илмӣ метавон баъзе эродҳо ва нуқсонҳои баҳсталабро низ пешниҳод намуд, ки онҳо бештар хусусияти тавсиявӣ ва такмилдиҳанда доранд:

1. Дар диссертатсия масъалаи таносуби сирри бонкӣ бо ҳуқуқ ба ҳифзи маълумоти шахсӣ ба таври кофӣ таҳлил нагардидааст. Дар шароити рақамикунонии муносибатҳои молиявӣ зарур буд, ки муаллиф масъалаи ҳифзи маълумоти рақамӣ ва амнияти киберии маълумоти бонкиро амиқтар мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

2. Дар баъзе қисматҳои таҳқиқот масъалаи фарқгузорӣ байни мафҳумҳои «сирри бонкӣ», «сирри тиҷоратӣ» ва «маълумоти маҳрамона» ба таври дақиқ анҷом дода нашудааст, ки метавонад дар амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ мушкилот ба вуҷуд оварад.

3. Дар таҳқиқот масъалаи ҷавобгарии маданӣ-ҳуқуқӣ, интизомӣ ва ҷиноятӣ барои ифшои сирри бонкӣ ба таври умумӣ баррасӣ гардида, механизми татбиқи амалии чунин ҷавобгарӣ ва мушкилоти амалияи судӣ таҳлили амиқ наёфтааст.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, онҳо арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш надода, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти мустақили илмӣ анҷомёфта буда, барои рушди илми ҳуқуқи хусусӣ ва такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳифзи сирри бонкӣ аҳаммияти назаррас дорад.

Ҳамин тавр, диссертатсия Асозода Тахмина Авғон дар мавзуи «Танзими ҳуқуқии ҳифзи сирри бонкӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқоти ҳуқуқи хусусӣ» ба талаботҳо оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ дар

мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. – Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи ҳуқуқи мадании
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Х.Т. Носиров

«Имзои Носиров Х. – ро тасдиқ мекунам».
Сардори Раёсати кадрҳои Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон М.Н. Исмаилова

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода 30, Тел.: (+992 237) 227 67 40. E–mail: kafedra.grazhdanskaya@mail.ru

01. 06. 2026